**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Султонзода Исо Муҳаммад дар мавзӯи «Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

Дар шароити ҷаҳонишавии хоҷагии халқ яке аз омилҳои рушди иқтисодиёти ҳар кишвар, фаъолияти баланди сармоягузорӣ мебошад, ки ба рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд ва дар натиҷа беҳбудии ҷомеаро баланд мебардорад. Дар навбати худ таъкид ҷоиз аст, ки сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар шароити муосири иқтисодӣ барои ҳалли вазифаҳои суръатбахшии рушди иқтисодии кишвар дар ҳолати мавҷуд набудани сармояи дохилӣ нақши муҳим доранд. Сармоягузории мустақими хориҷӣ на танҳо воридоти иловагии молиявиро ба иқтисодиёти кишвари қабулкунанда таъмин менамояд, балки эҳтиёҷоти онро ба воситаҳои нави пешқадами истеҳсолот, таълими касбии коргарон, усулҳои меҳнат ва истифодаи беҳтари захираҳои истеҳсолӣ қонеъ мегардонад.

Дар автореферати пешниҳодкардашуда муаллиф дар рафти таҳлилҳои гузаронидашуда хулоса намудааст, ки дар шароити имрӯза барои таъмини тавозуни макроиқтисодиёт фаъолиятро на танҳо ба зиёд кардани ҳаҷми воридоти сармояҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ, балки бояд ба тақсимоти самараноку оқилонаи сармояи ҷалбшуда равона намуд. Агар ба таҷрибаи гурӯҳи мамлакатҳои таҳлилгардида такя намоем, эҳсос мекунем, ки воридоти фаъоли

сармоягузории мустақими хориҷӣ на танҳо ба омилҳои беруна, балки ба омилҳои дохилӣ низ алоқамандӣ дорад. Дар ин қабил мамлакатҳо, яъне мамлакатҳои тараққикарда барои ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ шароитҳои мусоид фароҳам омадааст ва имкон пайдо шудааст, ки ҳаҷми зиёди сармояи хориҷӣ ҷалб карда шавад.

Ҳамаи мавридҳои дар боло дарҷшуда, мубрамияти мавзӯи интихобшудаи рисолаи диссертатсиониро асоснок намуда, инчунин арзиши илмӣ ва аҳамияти амалии онро тасдиқ мекунанд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳое, ки таҳия шудаанд, натиҷаҳои асосии таҳқиқотҳои гузаронида шуда ҷой дода шудаанд. Дар мақолаҳои чоп карда шуда нуктаҳои асосии диссертатсия ба нашр расидаанд. Автореферати мазкур ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат дорад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе норасоиҳо мушоҳида карда мешаванд.

1. Беҳтар мешуд, ки муаллиф самтҳои афзалиятноки сармогузориро пурра боз ҳам муфассалтар кушода онро шарҳ медод.
2. Баҳодиҳии муқоисавии вориди сармоягузории хориҷии минтақаҳои мамлакат аз рӯи соҳа дар намуди ҷадвал ё ин ки график таҳлил карда мешуд, дараҷаи таҳқиқи диссертатсияи мазкур баланд мегардид;
3. Дар матни таҳқиқи автореферат хатогиҳои имлоӣ мушохида карда мешавад.

Камбудиҳои ҷойдошта ҷузъӣ буда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии таҳқиқоти гузаронидаи авторефератро кам намекунанд.

Дар маҷмӯъ тадқиқоти гузаронидашуда ба анҷом расида маҳсуб шуда, дорои ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии нави муаммои таққиқшаванда мебошад. Аз ин лиҳоз хулоса кардан мумкин аст, ки мақсади рисолаи илмии диссертатсионӣ ноил гашта, вазифаҳои дар пешбурди иҷро шудаанд.

Ҳамин тавр метавонем зикр намуд, ки автореферати диссертатсияи илмии Султонзода Исо Муҳаммад дар мавзӯи «Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт пешниҳод карда шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи 6D050600 – Иқтисодиёт мебошад.

**Муқарриз, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ҳайитбоева Н.А.**

Суроға: 735700 шаҳри Хуҷанд маҳаллаи 17 хонаи 1,
Тел: 2 – 38 – 11, http://www.tsulbp.tj

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус** **Мирпоччоев И.Ҳ.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС